# САНЪАТИ ТАСВИРӢ

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 2-юми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

Нашри панҷуми такмилёфта

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ намудааст*



**Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чӯлпон**
**Тошканд — 2018**

УЎК 372.87=222.8(075)
КБК 85.15я71
С 48

**Муаллифон:**

**М. Исоқова, Р. Ҳасанов, Б. Ҳайдаров,
А. Сулаймонов, С. Ҷуманиёзова, А. Розиқов**

**Муқарризон:**

*Р. Худойберганов* – Рассоми халқии Ўзбекистон, профессори Донишкадаи рассомии миллӣ ва дизайни ба номи К. Беҳзод;
*Г. Зулҳайдарова* – методисти Маркази таълими республика;
*Н. Ҳайтанова* – омўзгори мактаби рақами 187-уми ноҳияи Мирзо Улуғбеки шаҳри Тошканд;
Б. Юнусова – омўзгори мактаби рақами 43-юми ноҳияи Юнусободи шаҳри Тошканд

## АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:

— савол ва супоришҳои фаъолкунанда

— маводе, ки омўхтан ва дар ёд доштан зарур аст

— машқ ва супоришҳои амалӣ

— супоришҳои вазифаи хонагӣ

— супоришҳои шавқовар

* — супоришҳо барои шогирдони соҳибиқтидор

— савол ва супоришҳо барои такрор

— анҷоми дарс

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст**

ISBN 978-9943-05-836-1

**© М. Исоқова ва диг., 2018**
**© ХЭТН ба номи Чўлпон, с. 2016**
**© ХЭТН ба номи Чўлпон, с. 2018**

# ЧОРЯКИ I



П. Тоҳиров. *Тирамоҳи зарнисор*

## Дар ин чоряк Шумо:

- кор карданро бо қалами сиёҳ, мӯйқалам ва рангҳо давом медиҳед;
- малакаи аз рангҳои асосӣ ҳосил кардани рангҳои ҳосиларо ривоҷ медиҳед;
- дар бораи санъати амалӣ маълумот мегиред;
- натюрморти кашидаи рассомони дигарро мефаҳмед.

# 1-УМИ СЕНТЯБР — РӮЗИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН



«Аркаи хотира» — Композитсияи ҳайкалтарошӣ дар Майдони Истиқлолият.

# РАНГ ВА ТОБИШҲО






1. Рангинкамон дар осмон кай пайдо мешавад?
2. Рангинкамон аз кадом рангҳо иборат аст?

Олам рангоранг аст. Аммо дар табиат се ранги асосӣ мавҷуд: зард, сурх ва кабуд. Рангҳои дигар дар натиҷаи бо ҳамдигар омехта кардани ана ҳамин рангҳо ҳосил мешаванд.

## Рангҳои асосӣ.



Зард.



Сурх.



Кабуд.

## Тобишҳои рангҳои асосӣ.

Ба ранг об илова карда шавад, торафт рангҳои кушод — **тобишҳои ранг** ҳосил мешавад.

Зард. Рангҳои зарди кушод.



Сурх. Рангҳои сурхи кушод.



Кабуд Рангҳои кабуди кушод.



Барои ранг кардани расмҳои кашидашуда, рангҳои акварел истифода мешаванд.

**Акварел** — ранги дар об омехташуда.

## Маънои рамзии рангҳо

Дар санъати тасвирӣ баъзе рангҳо дорои маъноҳои рамзӣ низ мебошанд:

— рамзи модар-табиат;

— рамзи осмон, кайҳон, сулҳ;

— рамзи ғалаба, оташ, шодӣ;

— рамзи муқаддасӣ, равшанӣ, Офтоб;

— рамзи мотам, тарс, рӯҳафтодагӣ;

— рамзи покӣ, озодӣ, бахт.

## Тарзҳои доштани мӯйқалам.



Дар вақти ранг кардани сатҳи калон.



Дар вақти ранг кардани ҷойи борик ва танг.

Ба шумо кадом ранг маъқул аст? Чаро? Эзоҳ диҳед.

## Зинаҳои асосии коркарди расм.

**Зинаи 1.** Ҷойгир кардани тасвир дар коғаз.

Қад ва бари ашёи тасвиршаванда муқоиса карда шуда, ба коғаз аз рӯйи қад ё кӯндаланг ҷойгир намудани тасвир муайян мегардад. Ҷой, шакл, бар ва нисбатҳои байниҳамдигарии ашё муайян карда мешавад. Тасвир ба миёнаҷои коғаз кашида мешавад.



**Зинаи 2.** Коркарди тахминӣ бо қалам.

Сохт, ҷойгиршавии қисмҳои асосии ашё муайян карда мешавад ва бо ёрии хатҳои ёрирасон кашида мешавад.



**Зинаи 3.** Ба охир расондани тасвир бо қалам.

Қисмҳои хурди ашёи тасвиршаванда бо қалам кор карда мешавад. Хатҳои ёрирасон тоза (кӯр) карда мешавад.



**Зинаи 4.** Коркард бо рангҳо.

Ба тасвири ашё аввал рангҳои кушод, баъд рангҳои сертап дода мешавад. Дар охир қисмҳои расмро муайян карда, ранг мекунад.



Ҳангоми коркарди расм аз рӯйи нишондодҳои болоӣ кор кунед.

Ҷойи коғаз дар тасвирро чи хел муайян мекунанд?

# КОРКАРДИ РАСМИ МЕВАҲО



Ғ. Абдураҳмонов. *Неъматҳои тирамоҳ*

Дар натюрморти рассом Ғафур Абдураҳмонов аз меваҳои тирамоҳӣ себ, нок, олу, аз маҳсулоти полизӣ тарбуз ва харбуза тасвир ёфтаанд. Ба шакл ва рангҳои онҳо бодиққат назар андозед. Шумо низ дар расмҳои кашидаистодаатон ба истифодаи чунин рангҳо кӯшиш кунед.

**Натюрморт** — ин тасвири «табиати беҷон» аст. Дар он ашёҳои хонаву рӯзғор, меваҳо, сабзавот ва гулҳоро тасвир мекунанд.



А. Бакиров. *Анорҳо*



Ю. Елизаров. *Харбузаҳо*

Зинаҳои коркарди алоҳида-алоҳидаи расмҳои мева ва ашёҳо.

**Зинаҳои коркарди расми себ.**



Муайян намудани андозаи тасвир.



Коркарди тахминӣ бо қалам.



Ба охир расондани тасвир бо қалам, хатҳои ёридиҳандаро нест кардан.



Рангкунӣ бо рангҳои кушод.



Рангкунӣ бо рангҳои ториктар.



Коркарди охирин ба расм.



А. Икромҷонов. *Ангур ва ноқҳо*

Коркарди тасвири натюрморти неъматҳои тирамоҳ мавзӯи дӯстдоштаи рассомон аст. Рассом А. Икромҷонов низ меваҳои тирамоҳиро бо маҳорати баланд тасвир кардааст.

Дар асар ранги нок, себ, ангур барин меваҳо бо маҳорати баланд тасвир шудааст. Онҳо чунин тасвир шудаанд, ки гӯё дар наздат истода бошад.

Расми натюрморти себ, тарбуз ва кӯзаро кор кунед.

Расми ашёҳои беҷонро чӣ меномем?



Натюрморти аз меваҳо ва ашёҳои миллӣ омодашуда хеле сода буда, кашидани онҳо мушкил нест. Дар вақти кашидани расм аз ин натюрморт низ истифода карда метавонед.

1. Натюрморти дар синф кашидаатонро бо рангҳои акварел ранг кунед.
2*. Аз меваҳо ва ашёҳои миллӣ натюрморт тартиб диҳед ва расми онро кор кунед.

# КОРКАРДИ РАСМИ МАНЗАРА



Ф. Абдураҳмонов. *Манзараи тирамоҳ*

Нафаре дар шаҳр, нафаре дар деҳот зиндагонӣ мекунад. Бар ҳар кас ҷое, ки таваллуд шуда ба воя расидааст, азизи аст. Шаҳр бо кӯчаҳои васеъ, кӯпрукҳои замонавӣ ва биноҳои баланду болои худ фарқ мекунад.

Бо шарофати истиқлолият манзил ва кӯчаҳои зиёд бунёд ёфтанд.



1. Дар расмҳо чиҳо акс ёфтаанд?
2. Шаҳр ва деҳа аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?
3. Дар бораи шаҳр (деҳа)-и худ нақл кунед.

**Қоидаҳои соддатарини кор бо расм.**

Он чизҳое, ки дар рӯйи замин рост истодаанд, дар коғаз низ рост тасвир мешаванд.

Ашёҳо аз рассом дар масофаи якхела истода бошанд, нисбати тасвири коғазии онҳо ба нисбати ченаки ҳақиқӣ монанд мешавад.



Нодуруст.



Дуруст.

Агар ашёҳои акхела аз рассом дар масофаи гуногун истода бошад, дар коғаз наздиктараш калонтар, дуртараш хурдтар тасвир меёбад. Он дар санъати тасвирӣ перспектива ном дорад.



Нодуруст.



Дуруст.

**Зинаҳои коркарди расми манзараи бо дарахтон ва гулу алафҳо пӯшидашуда.**



Ба расм ва фотосурати зерин эътибор диҳед, баробари дуртар шудан хурдтар шудани дарахтҳоро мебинед.





Расми манзараи табиати ба худатон маъқулро кор кунед. Ҳангоми коркарди расм ба перспектива риоя кунед.

1. Перспектива чист?
2. Ашё аз рӯйи ба чашм наздик ва аз чашм дур буданаш чӣ гуна тасвир меёбад?

1. Коркардро бо расми дар синф оғоз кардаатон давом диҳед ва онро бо акварел ранг кунед.

2*. Дар мавзӯи «Кӯчаҳои шаҳри (деҳаи) мо» мустақилона расм кор кунед.

# ТАЙЁР КАРДАНИ ЭСКИЗИ ТАБРИКНОМА БА РӮЗИ МУАЛЛИМОН




1-уми октябр — рӯзи муаллимон ва мураббиён мебошад. Муаллимон ба мо хондан ва навиштанро ёд медиҳанд. Дар оянда барои ҳамчун инсони хуб ба воя расидани мо кӯмак мерасонанд. Мо онҳоро ҳамеша бо идашон табрик намоем.

1. Дар табрикнома чиро акс намудан мумкин аст?
2. Боз чӣ гуна табрикномаҳоро медонед?

## Зинаҳои кор бо эскизи табрикнома.



Муайян намудани андозаи тасвир.



Коркарди тахминӣ.




Тасвирро бо қалам ба охир расонидан.



**1-уми октябр**

Расмро ранг карда ба охир расонидан.

Дар асоси намунаҳо барои рӯзи устодон эскизи табрикномаи «Идатон муборак бошад»-ро тайёр кунед. Дар ин табрикнома табрикоти аввалини худро ба муаллиматон навишта метавонед. Табрикнома бояд кӯтоҳакак ва самимона бошад. Барои мисол: «Идатон муборак», «Эҳтиром ба устоди аввалинам».

Эскизи табрикномаи худро дар синф ба охир расонед.

# СОХТАНИ ПАЙКАРА ДАР АСОСИ АФСОНАИ «КУЛЧАҚАНД»



## Кулчақанд

*(Афсона)*

Манам нони қандинак,
Кулчақанди ширинак.
Дирӯз аз як зувола,
Момо гирифт навола.
Равған бирехту намак,
Ордак рехта монд андак.
Зери офтоби тобон,
Шудам ман кулчаи нон.
Аз бобоям гурехтам,
Аз момоям гурехтам.
Аз шумо харгӯши ҷон,
Гурехтан ба ман осон.





Дар роҳ ба кулчақанд гург ва хирс вомехӯранд. Ба онҳо низ суруд гуфта мегурезад.

Аз роҳаш рӯбоҳи айёр мебарояд:

— Гӯшҳоям нағз намешунаванд. Канӣ ба зери манаҳам бишин ва суруди худро як бори дигар хон, — мегӯяд ӯ.

Кулчақанд ба манаҳи рӯбоҳ нишаста, нав шеър мехонам мегӯяд, ки рӯбоҳ вайро ногаҳон хӯрда мемонад.



Аз расмҳои додашуда истифода бурда, ҳайкали қаҳрамонҳои афсонаро созед. Ба калонӣ ва хурдии онҳо нисбат ба ҳамдигар эътибор диҳед.

## Зинаҳои сохтани ҳайкалчаи кулчақанд.

1



Қисмҳои ба пайкараи кулчақанд мос ҷудо карда гирифта мешавад.

2



Ба қисмҳои кулчақанд шакл дода мешавад.

3



Қисмҳои пайкараи кулчақанд васл карда шуда, охирин маротиба кор карда мешавад.

Тасвирҳои нисбат ба ҳамдигар бо тартиби маълум ҷойгир кардан, **композитсия** ном дорад.





**1.** Дар асоси расмҳои додашуда аз ҳайкалчаҳои дар синф сохташуда композитсия тартиб диҳед.

**2*.** Дар асоси афсонаи «Кулчақанд» расм кашед.

# САНЪАТИ АМАЛИИ ХАЛҚ
















Дар ҳаёти мо санъати амалии халқ аз ҳама зиёд вомехӯрад. Наққошӣ, гаҷкорӣ, чӯбкорӣ барин намудҳои он вуҷуд дорад. Аз ҷумла ҳунармандии бадеӣ аз қабили кулолӣ, заргарӣ, кандакорӣ, қолинбофӣ, тоқидӯзӣ барои ба ҳаёти инсон зебоӣ бахшидан хизмат мекунанд. Санъати амалии ороишӣ дар Бухоро, Самарқанд, Қӯқанд, Марғилон барин шаҳрҳо ривоҷ ёфтаанд.

1. Дар расмҳо чиҳо тасвир ёфтаанд? Онҳо ба кадом намуди санъати амалии халқӣ мансубанд?
2. Шумо онҳоро дар кучаҳо дучор омадаед?

## Намудҳои санъати ороиши амалӣ.



Заргарӣ.

Зардӯзӣ.







Кулолӣ.



Гулдӯзӣ.



Кандакорӣ.



Гачкорӣ.



Кандакорӣ дар чӯб.

Дар барои элементҳои дар намунаҳои санъати амалӣ истифодашуда ҳикоя кунед.

Номи чизҳои дар поён тасвиршударо гӯед. Шаклу ороишоти онҳо ва бо кадом мақсад истифодаа шудани онҳоро шарҳ диҳед.



1. Кадом соҳаҳои ривоҷёфтаи санъати амалии ороиширо медонед?
2. Намудҳои ривоҷёфтаи санъати амалии ороиширо номбар кунед.
3. Дар ҷойи истиқомати Шумо кадом намуди санъати амалии ороишӣ ривоҷ ёфтааст?

Дар бораи ҳунармандоне, ки ашёҳои санъати амалӣ месозанд, ҳикоя тартиб диҳед.

# КОРКАРДИ РАСМ ДАР МАВЗӮИ «ТИРАМОҲ ОМАД»



Р. Аҳмедов. *Тирамоҳ дар Оқтош*

Дар кишвари мо тирамоҳи заррин ҳукмрон. Баргҳои дарахт дар рангҳои зард, норанҷӣ ва сурх тобиш ёфта, табиат таровати хос касб кардааст. Беихтиёр ин манзараи зеборо ба коғаз тасвир карданамон меояд.

Рассомони ўзбекистонӣ Николай Карахан, Ўрол Тансиқбоев, Раҳим Аҳмедов, Неъмат Қозибоев, Исфандиёр Ҳайдаров, Ғафур Абдураҳмонов, Абдувалӣ Мўминов манзараи тирамоҳи зарринро моҳирона тасвир кардаанд.

1. Дар расм кадом рангҳо бештар истифода шудаанд?
2. Чаро тирамоҳро ба зар монанд мекунанд?

**Рангҳои гарм:**



— зард;

— бунафш;

— норанҷӣ;

— сурх.



Рангҳои форам рангҳои Офтоб ва оташро ба хотир меоранд. Расми манзараи тирамоҳ бештар бо ҳамин рангҳо тасвир меёбад.

Манзара — расме, ки дар он намуди ҳастӣ (табиат) акс меёбад.

## Зинаҳои коркарди расми манзараи табиат:




Дар мавзӯи «Тирамоҳ омад» ҳикояи хурд тартиб диҳед ва дар асоси он расми манзаравии тасаввуркардаи худро кор кунед.



**Ўрол Тансиқбоев**
(1904–1974)

Рассоми халқии Ўзбекистон Ў. Тансиқбоев ба сифати устои жанри манзара дар ҷаҳон шинохта шудааст. Асарҳои машҳури вай «Деҳаи ман», «Дар кӯҳ», «Воҳаи Ангрен», «Чарогоҳи баландкӯҳ» ва ҳоказо.



Ў. Тансиқбоев. *Тирамоҳ дар кӯҳсор*

1. Дар расмҳои манзаравӣ чиҳо тасвир карда мешавад?
2. Боз кадом асарҳоеро медонед, ки дар он манзараҳои табиат тасвир ёфтаанд?

1. Расми дар мавзӯи «Тирамоҳ омад», ки дар синф кор кардаед ба охир расонед.
2*. Дар асоси таассуроти худ, дар мавзӯи «Иди ҳосил» расм кор кунед.



П. Тоҳиров. *Манзараи саноат*

# ДАРСИ ФОСИЛАВИИ НАЗОРАТӢ

## I. Саволҳои тест:

1. Бандҳоеро, ки рангҳои асосӣ дуруст тасвир шудаанд муайян кунед.




**2.** Дар кадом расм тасвир дуруст ҷойгир шудааст?




**3.** Кадоме аз тасвирҳои мазкур ба санъати амалӣ мансуб аст?



**4.** Дар кадом расм нисбат дуруст тасвир карда шудааст.




**5.** Муайян кунед, ки дар кадом қатор рангҳои гарм дуруст тасвир шудаанд:




## II. Супориши амалӣ.

Расми манзараро бо акварел кор кардан ва дар бораи он мухтасар ҳикоя кардан.

# ЧОРЯКИ II



С. Сулайманов. *Тирамоҳ*

## Дар ин чоряк Шумо:

- коркарди нақшҳои роҳшакл;
- коркарди расм дар мавзӯи корҳои тирамоҳӣ;
- сохтани ҳайкалчаҳо дар асоси афсонаҳо;
- дар асоси коркарди расм-иллюстратсия афсона аз худ мекунед.

# СОХТАНИ ҲАЙКАЛЧАИ МОҲӢ






1. Дар бораи моҳӣ чӣ медонед?
2. Намуд, шакл ва ранги онҳо чӣ хел мешавад?

Дар Ўзбекистон 106 намуди моҳиҳо паҳн шудааст. Шояд Шумо заѓорамоҳӣ, лаққамоҳӣ, шўртан, амури сиёҳ, сурхчашм, хумкалла, равѓанмоҳиро дида бошед. Моҳиҳое, ки дар об тез шино мекунанд, дарозтана, оҳиста шинокунанда паҳнак мешавад. Моҳиҳо бо калонӣ ва хурдии худ низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

1. Барои моҳӣ шонаҳо чӣ аҳамият доранд?
2. Моҳиҳо оё дар хушкӣ зиндагонӣ мекунанд? Чаро?

Пайкараи моҳиро бо табъи дили худатон созед.



С. Редкин. *Натюрморти моҳӣ*

## Зинаҳои коркарди ҳайкалчаи моҳӣ.

1



Ба қисмҳои ҳайкалчаи моҳӣ мувофиқ ҳиссачаҳо ҷудо карда гирифта мешавад.

2



Ба қисмҳои моҳӣ шакл дода мешавад.

3



Қисмҳои моҳӣ пайваст карда мешавад.

4



Кори пайкара то ба охир расонида мешавад.

1. Якчанд ҳайкалчаи моҳиҳои гуногуннамуд-ро созед.
2*. Расми маҳии дӯстдоштаатонро ка-шед.

# КОРКАРДИ РАСМ ДАР МАВЗӮИ «КОРҲОИ ТИРАМОҲӢ»



Р. Бенков. *Дугонаҳо*

## ТИРАМОҲ

Дар кишвари мо тирамоҳ аст. Дар ин фасл себ, ангур, биҳӣ, анор барин меваҳои зиёд пухта мерасанд. Дар саҳро пахта мешукуфад. Ғунучини онҳо кори асосии тирамоҳӣ аст.

## Зинаҳои кор бо расми «Корҳои тирамоҳӣ».



Тасвирро дар коғаз ҷой додан.



Муайян кардани тасвир.



Бо қалам ба охир расонидани тасвир.

1. Дар тирамоҳ боз кадом корҳо ба иҷро мерасанд?
2. Дар бораи «Иди Меҳргон» чӣ медонед?



Тасвирро бо ранг ба охир расонидан.

Дар мавзӯи «Корҳои тирамоҳӣ» бо ихтиёри худ расм кашед.



М. Саидов. *Ангурчинӣ*

1. Расмро дар мавзӯи «Корҳои тирамоҳӣ», ки дар синф иҷро шудааст, ба охир расонед.
2*. Дар мавзӯи тирамоҳ расми ихтиёрӣ кашед.

# КОРКАРДИ НАҚШИ РОҲШАКЛ





Нақшҳоро дар ҳар қадам дучор омадан мумкин. Бо онҳо бино ва ашёҳо оро дода мешаванд. Нақшҳо дар асоси тасвири гулҳо, баргҳо, меваҳо ва дигар шаклҳо кор карда мешаванд. Нақшҳо намудҳои роҳшакл, квадрат, чоркунҷа ва доирашакл доранд.

1. Дар расми болоӣ қисми беруна ва дохилии бино бо чӣ оро дода шудааст?
2. Нақшҳоро боз дар куҷоҳо вохӯрдан мумкин?

**Шаклҳои ороишоте, ки дар нақшҳо бисёр дучор меоянд ва номгузории онҳо.**

Шаклҳои дар наққошӣ истифодашаванда, асосан, аз табиат гирифта мешавад. Барои ҳамин номгузории онҳо ҳам монанд аст. Расмҳои поёниро аз назар гузаронида, ба ин боварӣ ҳосил мекунед.


барг


барг


себарга


қаламфур


пахта


бофта


качак


чоргӯша


доирачагул


чоргӯша


чиннигул

## Нақшҳои роҳшакл (морак).



Нақшҳои болоӣ ба нақшҳои роҳшакл (морак) мисол шуда метавонанд. Намуди онҳо ба роҳи дароз монанд аст. Аз ҳамин сабаб, онҳо нақшҳои роҳшакл номида мешаванд.

## Зинаҳои коркарди нақшҳои роҳшакл.



Варақи коғазро ба се тақсим кунед. Роҳи нақша ва катакҳои он ишора карда мешавад.



Такрор кашидани элементи асосӣ.



Такрор кашидани нақши асосӣ.

## Зинаҳои ранг кардани нақш.



**Зинаи 1.**



**Зинаи 2.**



**Зинаи 3.**

1. Нақшҳо ба кадом мақсад кашида мешаванд?
2. Аз атроф ба нақши роҳшакл мисол ёбед.



## Усто Ширин Муродов
(1879 – 1957)



Усто Ширин Муродов — узви фахрии Академияи Фанҳои Ўзбекистон, арбоби шоистаи санъати Ўзбекистон, меъмор, устои гаҷкор. Дар гаҷкорӣ нақши роҳшаклро зиёд истифода бурдааст.

Бо ордени «Буюк хизматлари учун» мукофотонида шудааст (соли 2001).

Аз рўйи намуна, нақши дигари роҳшакл кашед. Дар он баргҳо, гулҳоро тасвир кардан мумкин.



**1.** Нақши дар синф кор кардаатонро ранг кунед.

**2*.** Аз нақши роҳшакли ягон ашё нусха бардоред.

# СОХТАНИ ПАЙКАРА ДАР АСОСИ АФСОНАИ «РЎБОҲ ВА ГУРГ»



## Рўбоҳ ва гург

Рўбоҳ ва гург дўстони қарин будаанд... Рўбоҳ гургро ба ангурдуздӣ мебарад. Рўбоҳ каме ангур хўрда, ду дона ангурро ба даҳон



мепартояд ва: «Ҳамчунон ҳам бисёр, ангур хӯрдам, ки аз бинниям ҳам баромада истодааст. Ту ҳам сер шуда хӯр аз бинният мебарояд», — гуфт.

Гург ҳар чӣ қадар зиёд ангур хӯрад ҳам, аз бинниаш набаромад. Шикамаш варам карда аз пой афтидааст.

Рўбоҳ бошад «Ба ангурзор дузд даромад», — гуфта сахт фарёд кашидааст. Боғбон бохабар шуда давида омадааст ва бо чўбаш хуб рўбоҳро задааст. Аз ҳамон рўз эътиборан гург аз рўбоҳ чизе илтимос намекунад.

Ҳайкалча (пайкара)ҳои қаҳрамонҳои афсонаи «Рўбоҳ ва гург»-ро созед.

**Зинаҳои сохтан пайкараи рўбоҳ.**

1



Ҳиссачаҳои ба пайкараи рўбоҳ мувофиқро ҷудо карда гиред.

2



Ба қисмҳои рўбоҳ шакл дода, пайваст намоед.

3



Ҳиссачаҳои хеле хурди рўбоҳ низ пайваст мешавад.

4



Пайкара то ба охир кор карда мешавад.

## Зинаҳои сохтани пайкараи гург.

1



Ҳиссачаҳои ба қисмҳои гург мувофиқ гирифта мешавад.

2



Ба ҳисаҳои гург шакл дода мешавад.

3



Ҷисмҳои гург пайваст карда мешаванд.

4



Пайкара то ба охир расонида мешавад.

**1.** Ба намунаҳои додашуда нигоҳ карда пайкарачаҳои гург ва рӯбоҳро созед.

**2.** Аз ҳиссачаҳои тайёр ба мазмуни афсона мувофиқ, композитсия созед.

**3*.** Дар асоси воқеаи дигари афсона композитсия созед.

# КАШИДАНИ РАСМ ДАР МАВЗӮИ «ИДИ АРЧА»

Соли нав дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон бо шодиву сурур пешвоз гирифта мешавад. Арча, Бобои барфӣ ва Барфак ороиш дода шуда, онҳо рамзҳои ид ҳисоб карда мешаванд. Аз рӯйи мавзӯи мувофиқи тасаввури худатон мустақилона расм кашед.



1. Дар расмҳо чӣ гуна намуд ва чиҳо тасвир шудаанд?
2. Арча чӣ гуна оро дода шудааст?

## Зинаҳои кор бо арча.



Ҷойгир кардани тасвир дар рӯйи коғаз.



Коркарди тахминии тасвир.



Ба охир расондани тасвир бо қалам.



Расмро бо ранг ба охир расонидан.

## Зинаҳои кор бо ороиши арча.



Дар рӯйи коғаз ҷой-
гир кардани тасвир.



Коркарди тахминии
тасвир.



Ба охир расондани
тасвир бо қалам.



Расмро бо ранг
ба охир расонидан.

## Зинаҳои коркарди расми Бобои барфӣ.



Муайян намудани андозаи тасвир.



Коркарди тахминии тасвир.



Ба охири расондани тасвир бо қалам.



Коркарди расм бо рангҳо.

## Зинаҳои коркарди расми Барфак.



Муайян намудани ченаки умумии тасвир.



Коркарди тахминии тасвир.



Ба охири расондани тасвир бо қалам.



Коркарди расм бо рангҳо.

Аз рӯйи зинаҳои болоӣ расм кашед.

## Зинаҳои кор бо барфакпораҳои арча.



Ҳангоми ҷо ба ҷо гузоштани расмҳои поёнӣ ба чӣ гуна хатоиҳо роҳ дода шудааст? Оё нисбият дуруст аст?



Композитсияи «Иди арча»-ро ба охир расонед.

# ДАРСИ ФОСИЛАВИИ НАЗОРАТӢ

## I. Саволҳои тест:

1. Аз нақшҳои зерин кадоме дар шакли квадрат аст?

А 
Б 
В 
Г 

2. Кадоме аз қаҳрамонҳои афсона дорои одоби бад аст?

А 
Б 
В 
Г 

3. Дар кадом расмҳо композитсия тасвир шудааст?

А 
Б 
В 
Г 

**4.** Аз расмҳои поёнӣ кадоме асари тасвири ранга ҳисобида мешавад?

А


Б


В


Г


## II. Супориши амалӣ.

Аз расмҳои дар мавзӯи корҳои тирамоҳӣ истифода бурда, меваҳои тирамоҳиро аз пластилин сохта дастархонро оро диҳед.

# ЧОРЯКИ III



С. Сулаймонов. *Оғози зимистон*

## Дар ин чоряк Шумо:

- коркарди расм доир ба манзараҳои табиати фасли зимистон;
- бо рангҳои сард шинос шуда, истифода бурдани онҳо;
- сохтани пайкараи ҳайвонот;
- дар асоси мавзӯъ кор кардани табрикномаҳоро меомӯзед.

# КОР КАРДАНИ РАСМ ДАР МАВЗӮИ «МАНЗАРАИ ЗИМИСТОН»



С. Сулаймонов. *Зимистон*

Зимистон — фасли хеле аҷоиб аст. Ҳама ҷо барфпӯш. Нури Офтоб камтар мерасад. Рӯзҳо хунук. Дарахтҳо хоб рафтаанд. Паррандаҳо дар ҷустуҷӯи хӯрок овораанд.

1. Дар расми болоӣ чиҳо тасвир ёфтааст?
2. Рассом дар тасвири фасли зимистон бештар кадом рангҳоро истифода бурдааст?

## Рангҳои сард:

— кабуди сер;

— гулобӣ;

— бунафш;

— нилгун;

— сабз.



Рангҳои сард рангҳои ях, об, осмонро ба ёд меоранд. Аз ин рангҳо бештар барои тасвир кардани фасли зимистон истифода мебаранд.

Дар расми зерин кадом рангҳои сард истифода шуданашро муайян карда гӯед?



Х. Рӯзметов. *Зимистон*

Дар мавзӯи «Зинати зимистон» расм кор кунед. Дар ин аз намудҳои барф, бозиҳои зимистонӣ, Бобои барфӣ истифода бурданатон мумкин.

1. Кадом рангҳо ба рангҳои сард мансубанд? Барои чӣ онҳоро ин тавр меноманд?
2. Дар рангинкамон кадом рангҳои сард мавҷуд аст?

1. Коркарди расми «Зинати зимистон»-ро, ки дар синф оғоз карда будед, ба охир расонед.
2*. Дар асоси расми «Зинати зимистон», ки дар синф оғоз кардед, ҳикоя тартиб диҳед.

Ду расми ба ҳам монанди Бобои барфиро ёбед.



# КОКАРДИ РАСМИ МАШИНАИ БОРКАШ




Дар синфи якум Шумо кашидани машинаи сабукравро омўхта будед. Акнун бошад кашидани мошинаи боркашониро аз худ мекунед.

Автомашинаҳои боркашонӣ гуногун мешаванд. Машинаҳои боркашонии дар шаҳр ва деҳот истифодашаванда ҳаҷман хурдтар буда, автомобилҳои байнишаҳрии барои роҳҳои дур пешбинишуда калонтар аст.

1. Шумо чӣ гуна машинаҳоро дидаед?
2. Онҳо аз чӣ гуна қисмҳо иборатанд?

## Зинаҳои кашидани расми машинаи сабукрав.



Тасвирро дар коғаз ҷойгир кардан.



Истифодаи хомакии қалам.



Тасвирро бо қалам ба охир расонидан.



Расмро бо ранг ба охир расонидан.

Ба расм ва намунаҳо нигоҳ карда, расми автомашинаро кашед.



1. Автомашинаҳо асосан чӣ гуна ранг доранд?
2. Ҳангоми ифода кардани онҳо ба чӣ бояд аҳамият дод?

1. Ба таври ихтиёрӣ расми автомашинаро кашед.
2*. Аз пластилин автомашина созед.

# КОР КАРДАНИ РАСМИ ПАРРАНДА






Шумо, албатта, паррандаҳоро мушоҳида кардаед. Паррандаҳоеро, ки дар кишвари мо дучор намеоянд, дар телевизор ё боғи ҳайвонот тамошо кардаед.

1. Дар расмҳои болоӣ чиҳо тасвир ёфтаанд?
2. Оё онҳо ба Шумо маъқул шуданд? Барои чӣ?

## Зинаҳои коркарди расми парранда.



Ба рӯи коғаз ҷойгир кардани тасвир.



Коркарди тахминии тасвир.



Ба охир расонидани тасвир бо қалам.



Ба охир расонидани тасвир бо ранг.

## Зинаҳои коркарди фароштурук дар парвоз.



Ба рўи коғаз ҷойгир кардани тасвир.



Коркарди тахминии тасвир.



Ба охир расондани тасвир бо қалам.



Ба охир расонидани тасвир бо ранг.

Дар мавзӯи «Паррандаҳо дӯстони мо» хаёлан расм кашед. Шакли паррандаҳо, ранг, калону хурдии онҳо нисбат ба якдигар, асосан дар фасли баҳор дар шохаҳои дарахтон лона гузоштани онҳоро ба инобат гиред.





1. Коркарди расми «Паррандаҳо дӯстони мо»-ро, ки дар синф оғоз карда будед, ба охир расонед.
2*. Дар мавзӯи «Паррандаҳо лона месозанд» расм кор кунед.

# СОХТАНИ ПАЙКАРАИ АСП (ШУТУР, ГУРБА, ФИЛ БАРИН ҲАЙВОНҲО)

Дар табиат ҳайвонҳо хеле зиёд вомехӯранд. Шумо медонед, ки онҳо ба ҳайвонҳои ёбоӣ ва хонагӣ ҷудо мешаванд. Ба ғайр аз ин ҳайвонҳо аз рӯйи сохт, ранг ва намуди худ ҳам фарқ доранд. Ҳар як одам ҷонвари ба худ маъқул дорад.

## Зинаҳои сохтани пайкараи асп.

1



Барои қисмҳои пайкара ҳиссачаҳо ҷудо карда гирифта мешаванд.

2



Қисми асосиро бурида, пойҳо ҳосил карда мешаванд.

3



Қисми калларо ба тана пайваст мекунанд.

4



Ёли асп, дум, гӯшҳои он часпонида шуда, то ба охир расонида мешавад.

## Зинаҳои сохтани пайкараи шутур.

1



Аз лой ё пластилин ба қисмҳои ҳайкалчаи шутур ҳиссачаҳои мос ҷудо карда гиред.

2



Қисми асосии ҳайкалчаро бо кордчаи ҳайкалтарошӣ бурида пойҳо ҳосил мекунанд.

3



Қисми сар, букрии ҳайкалча бо қисми тана пайваст карда мешавад.

4



Ҳайкалча то ба охир суфта карда мешавад.

Пайкараи ҳайвони дӯстдоштаатонро созед.

**Ҳангоми сохтани пайкараи ҳайвонҳо ба ҳайвоноти дар табиат буда нигаред ва аз усулҳои дар намуна нишондодашуда истифода баред.**

1



Ҳиссачаҳои ба пайкараи фил мувофиқ ҷудо карда гирифта мешавад.

2



Ба ҳиссаҳои фил шакл дода пайваст карда мешавад.

3



Қисмҳои майдаи фил пайваст карда мешавад.

4



Пайкара бори охир кор карда мешавад.

## Зинаҳои сохтани пайкараи гурба.

1



Аз лой ё пластилин барои қисмҳои пайкара ҳиссачаҳо ҷудо карда гирифта мешаванд.

2



Қисми асосии пайкара бурида, пойҳо ҳосил карда мешаванд.

3



Қисми калла ва думро ба тана пайваст мекунанд.

4



Пайкара ба охир расонида мешавад.

1. Ба Шумо кадом ҳайвон маъқул аст? Чаро?
2. Сохт ва ранги онро гӯед?

Аз пайкарачаҳои сохтаатон композитсия созед.

# АЗ НАМУНАҲОИ ОРОИШ НУСХА ГИРИФТАН









1. Нақшҳои дар расм бударо дар кӯчаҳо истифода бурдан мумкин?
2. Дар онҳо рангҳо чӣ хел интихоб шуда-анд?

## Истифодаи нақши квадратшакл дар сӯзаниҳо.



1. Дар сӯзании дар расм тасвиршуда, аз кадом намудҳои тасвир чун ороиш истифода кардаанд?
2. Дар он аз кадом рангҳо истифода бурдаанд?
3. Дар сӯзанӣ боз чӣ хел намудҳои нақш истифода мешавад?

## Зинаҳои ҷойгиркунии гулҳои ороишӣ дар нақш.





1. Агар ороиши гул дар ранги кушод бошад, асоси нақш дар ранги баланд мешавад.
2. Агар ороиши гул дар ранги баланд бошад, асоси нақш дар ранги кушод мешавад.

Як ё якчанд ороишоти гулии расми саҳифаи 47-ро интихоб намуда, нақш кор кунед.







1. Дар гулдӯзӣ кадом ороиши гулҳо ифода ёфтаанд?
2. Дар рангкунии гулҳои нақш ба чӣ эътибор додан лозим?
3. Бо нақшҳои гулӣ бештар чиҳо оро дода мешаванд?

Гӯед, ки кадоме аз нақшҳои дар расм додашуда нақши квадратӣ аст?







1. Коркарди нақши дар синф оғоз кардаатонро ба охир расонед.
2. Аз қолини хона андоза гирифта, расми онро кор кунед.

# СОХТАНИ НАҚШИ КОМПОЗИТСИЯИ ДОИРАШАКЛ









1. Нақшҳо дар кадом шакл мешаванд?
2. Нақшҳои доирашаклро дар куҷо истифода мебаранд?

## Зинаҳои коркарди нақшҳои доиравӣ.

1



2



Тарҳ гирифта мешавад.

3



4



Гулҳои ороишӣ кашида мешаванд.

Композитсияи наққошии доирашаклро кашед.



1. Дар наққошӣ аз кадом рангҳо бисёртар истифода мебаранд?
2. Оё нақшҳои доирашакл ба шумо маъқуланд? Чаро?

1. Расми дар шакли доира кор кардашударо ба охир расонед ва ранг кунед.
2. Нақши доирашакли аз гулҳои ба худатон маъқул иборат бударо кор кунед.

# ТАЙЁР КАРДАНИ ЭСКИЗИ ТАБРИКНОМА БА ИДИ 8-МАРТ




8-март — Рӯзи байналхалқии Занон ва духтарон. Ин рӯзро мамлакатҳои зиёди рӯйи замин пешвоз мегиранд.

Дар Ӯзбекистон низ иди 8-март чун рӯзи истироҳат дар назар дошта шудааст. Дар ин рӯз ба модаркалон ва модаратон Шумо бо ҳисси эҳтиром муносибат мекунед.

1. Рӯзи 8-март Шумо киҳоро табрик мекунед?
2. Агар духтарча мебудед, шуморо киҳо табрик мекард?

## Зинаҳои коркарди эскизи табрикнома.



Ба рӯи коғаз ҷойгир кардани тасвир.



Коркарди тахминии тасвир.



Ба охир расондани тасвир бо қалам.



Расмро бо ранг ба охир расонидан.

Аз рӯйи табрикномаи додашуда табрикнома тайёр кунед.

1. Дар табрикномаи ба рӯзи 8-март тайёркардашуда чиҳоро акс кардан мумкин аст?
2. Аз кадом рангҳо истифода баред хубтар аст?

1. Табриномаи «8-уми март»-ро бо акварел ранг кунед.
2. Ихтиёран эскизи табрикномае созед, ки номаш «8-март» бошад.

# КОРКАРДИ РАСМ ДАР МАВЗӮИ «НАВРӮЗ — ИДИ БАҲОР»

Наврӯз дар кишвари мо аз рӯзҳои аввали Истиқлолият ҷашн гирифта мешавад. Наврӯз — иди баҳор ва мавсими навшавӣ мебошад. Бинобар ин Наврӯз дар кишвари мо бо шодиву сурур пешвоз гирифта мешавад. Бо омадани Наврӯз табиати шаҳру деҳоти мо зебо мешавад.

Дашту саҳро либоси сабз ба бар мекунад.



Г. Чермухин. *Замини ӯзбекон*



Бибиҳоямон таомҳои миллӣ ба мисли сумалак ва ҳалим тайёр мекунанд. Машғулиятҳои дӯстдоштаи бачагон низ дар баҳорон зиёд мешаванд.

1. Наврӯз чӣ хел ид аст?
2. Дар расмҳои болоӣ киҳо ва чиҳо тасвир ёфтаанд?

Дар мавзӯи «Наврӯз — иди баҳор» расм кор кунед. Ба дуруст ҷойгиркунии унсурҳои композитсия, перспектива, ба интихоби дурусти ранги ашёҳо эътибори алоҳида диҳед.

Расм дар мавзӯи «Наврӯз — иди баҳор» ба жанри маишии санъати тасвирӣ мансуб аст.

Дар санъати тасвирӣ **жанри маишӣ** гуфта, тасвири воқеаҳои ҳаётии одамонро меноманд.



1. Манзараи расмро тавсиф кунед.
2. Шумо идро чӣ хел тасаввур мекунед?



1. Дар жанри маишии санъати тасвирӣ чӣ гуна воқеаҳо тасвир карда мешаванд?
2. Дар расми баҳор кадом рангҳо бештар истифода мешаванд?

Коркарди расми «Наврӯз — иди баҳор»-ро ба охир расонед.



**Рӯзӣ Чориев**
(1931–2004)



Р. Чориев.
*Себҳои Қумқӯрғон*

Рӯзӣ Чориев — академики фахрии Академияи бадеии Ӯзбекистон, Рассоми халқии Ӯзбекистон. Ӯ дар жанрҳои портрет, таърихӣ ва маишӣ эҷод кардааст. Асарҳои «Сӯҳбат», «Шоми Хумсон», «Най», «Чӯпонбача»-и рассом дар жанри маишӣ машҳур мебошанд.

# КОРКАРДИ РАСМ ДАР МАВЗӮИ «МАКТАБИ МАН»




Дар мактаби мо барои хубу аъло хондани мактаббачаҳо тамоми шароитҳо маҷуд аст.

1. Дар расм чиҳоро мебинед?
2. Сохти мактаб дар расм чӣ гуна аст?

## Зинаҳои сохтани тасвири бино бо қалам.

1



Тасвирро дар коғаз ҷойгир кардан.

2



Бо қалам хомакӣ кор кардан.



Тасвирро бо қалам ба охир расонидан.



Дар тасвир бо ранг бори охир кор кардан.

Ба саҳни мактаб баромада онро мушоҳида кунед. Дар синф бо ёрии қалами сиёҳ дар мавзӯи «Мактаби мо» расм кашед.

1. Дар вақти кашидани расми мактаб эътибори асосӣ ба чӣ дода мешавад?
2. Бо ёрии қалами сиёҳ рангҳои сиёҳро чӣ гуна ҳосил кардан мумкин аст?

1. Расми «Мактаби мо»-и дар синф истифодашударо ба охир расонед.
2*. Дар мавзӯи «Маҳаллаи мо» расм кор кунед.



# ДАРСИ ФОСИЛАВИИ НАЗОРАТӢ

## I. Саволҳои тест:

**1.** Бандеро муайян намоед, ки нақши чоркуҷашакл дошта бошад.

А


Б


В


Г


**2.** Бандеро ёбед, ки нақшҳои сард дуруст нишон дода шудаанд.

А


Б


В


Г


**3.** Зинаҳои коркарди пайкараро пай дар пай ҷойгир кунед.

А

Б

В

Г


**4.** Дар кадом банд нақши морак тасвир шудааст?

А

Б

В

Г


## II. Супориш.

Дар бораи расми кашидаатон «Наврӯз — иди баҳор» ҳикоя кунед.

# ЧОРЯКИ IV





## Дар ин чоряк Шумо:

- малакаи пайкарасозии худро хубтар такмил медиҳед;
- дар асоси афсона композитсияҳои аз ҳайкал ташкилшударо кор мекунед;
- дар асоси мавзӯъ корҳои ба тасвири ранга вобастаро ба иҷро мерасонед;
- бо расми манзараи табиати баҳор машғул мешавед.

# КОРКАРДИ РАСМИ БАРГИ ДАРАХТ



Дар синфи 1 шумо кашидани барги дарахти содашаклро омӯхта будед. Акнун шумо кашидани барги дарахтони мураккабро аз худ мекунед. Ба ин гуна баргҳо токи ангур, чинор, анҷир, чормағз барин дарахтон мисол шуда метавонанд.

Ба сохту шакли барги дарахтони додашуда ва фарқияти онҳо аз ҳамдигар эътибор диҳед!

## Зинаҳои коркарди расми барги дарахти чинор.



Тасвирро дар коғаз ҷойгир кардан.



Бо қалам хомакӣ кор кардан.



Тасвирро бо қалам ба охир расонидан.



Тасвирро бо ранг ба охир расонидан.

## Зинаҳои коркарди расми барги дарахти булут.

1



Тасвирро дар коғаз ҷойгир кардан.

2



Бо қалам хомакӣ кашидан.

3



Тасвирро бо қалам ба охир расонидан.

4



Тасвирро бо ранг ба охир расонидан.

Шумо аз ин расмҳо истифода бурда, худатон низ метавонед расми барги дилхоҳатонро кашед.

Расми барги дилхоҳатонро ранг кунед.

# ПАЙКАРАСОЗӢ ДАР АСОСИ АФСОНАИ «ШАЛҒАМ»

Будааст, набудааст дар замонҳои қадим як бобои деҳқон будааст. Як рӯз бобо шалғам шинонидааст.



Шалғам калон шуда, пухта расидааст.

Бобо шалғамро кашида барорам гӯяд, нашудааст. Кашидаст, кашидаст, кашида натавонистааст. Бобо кампирро фарёд кардааст.

Кампир боборо, бобо шалғамро кашидаанд, кашидаанд, аммо шалғамро кашида натавонистаанд. Кампир набераашро ба ёрӣ даъват кардааст. Набера сагчаашро ҷеғ задааст, сагча гурбачаро даъват кардааст. Гурбача бошад мушакро ҷеғ задааст.

Ҳамин тавр, мушакро гурбача, гурбачаро сагча, сагчаро набера, набераро кампир, кампирро бобо дошта кашидаанд, кашидаанд ва шалғамро баровардаанд.





6 — 7 нафар донишомӯз якҷоя шуда, ҳайкалчаҳои қаҳрамонҳои афсонаи «Шалғам»-ро мувофиқи андозаашон офаред. Дар коркарди онҳо аз усулҳои гуногун истифода баред.

Ҳайкалҳои сохташударо аз рӯйи мазмуни афсона ҳар хел ҷойгир кардан мумкин.

Масалан, шалғам ва боборо ҷойгир кунем, як намуди афсона ҳосил мешавад.

Каме дигар хел ҷойгир карда композитсияи дигари афсонаро ҳосил мекунем.

**Усули коркарди ҳайкали қаҳрамонҳои афсонаи «Шалғам» аз порчаҳои алоҳида-алоҳида.**



Шалғам.



Духтарча. Кампир. Бобо.



Саг.





Гурба.





Муш.



1. Композитсия чист?
2. Мақоли «Қувва дар ягонагӣ»-ро дар асоси афсонаи «Шалғам» шарҳ диҳед.

1. Аз ҳайкалҳои сохташуда мувофиқи мазмуни афсона, композитсияҳои дигар созед.
2*. Ҳайкали қаҳрамонҳои афсонаи дӯстдоштаатонро созед.

# КОРКАРДИ РАСМИ ШУТУР

Халқҳои Шарқ аз қадим ба воситаи Роҳи бузурги абрешим бо корвони шутурҳо аз саҳро гузашта, маҳсулоти барои ҳаёти инсон заруриро аз кишварҳои дур ба мамлакати мо меоварданд. Бинобар ин, вақти «корвон» гуфтан шутурҳо пеши назар мерасанд.



Б. Ҳоҷиматов. *Корвон*

1. Дар бораи корвон чиҳоро медонед?
2. Дар расм чӣ хел намуд ва чиҳо тасвир ёфтаанд?
3. Ин расм ба кадом намуди санъати тасвирӣ мансуб аст?

## Зинаҳои коркарди расми шутур.



Тасвирро дар коғаз ҷойгир кардан.



Бо қалам хомакӣ кор кардан.



Тасвирро бо қалам ба охир расонидан.



Тасвирро бо ранг ба охир расонидан.

Аз расмҳои додашуда истифода бурда, расми шутурро кашед.



К. Зоммер. *Сайёҳони Шарқ*

1. Шутурҳо чӣ гуна шакл доранд?
2. Оё намудҳои онҳоро медонед?





Дар вақти кор кардани расмҳои зерин ба чӣ гуна иштибоҳ роҳ дода шудааст?






**1.** Расми шутурро ранг кунед.
**2*.** Расми шутури дукӯҳонаро кашед.



# КОРКАРДИ РАСМ ДАР МАВЗӮИ «БОҒИ БОБОЯМ»



Р. Аҳмедов. *Дар боғ*




1. Дар фотосурат чӣ гуна фаслҳо тасир шудаанд?
2. Эзоҳ диҳед, ки бо тағйир ёфтани фасл оё рангҳо низ тағйир меёбанд?



Х. Раҳмонов. *Завқи тобистон*

Расмҳои зеринро бо диққат аз назар гузаронед ва алоҳида-алоҳида шарҳ диҳед. Сипас, ин расмҳоро бо ҳам муқоиса кунед. Дар онҳо рангҳоро чунон истифода баред, ки фаслро ифода карда тавонанд. Шумо дар вақти расмкашӣ ба дуруст истифода шудани рангҳо кӯшиш намоед.




1. Дар расмҳо чӣ гуна фаслҳо тасвир шудаанд?
2. Дар тасвири фасл рассом аз кадом рангҳо бисёртар истифода бурдааст? Сабаб чист? Чӣ фикр доред?

Дар мавзӯи «Боғи бобоям» расм кашед.

**Зинаҳои кор бо расм дар мавзӯи «Боғи бобоям».**

1



Дар коғаз ҷойгир кардани тасвир.

2



Муайян кардани тасвир.

3



Тасвирро бо қалам ба охир расонидан.

4



Тасвирро бо ранг ба охир расонидан.

1. Тағйиротҳои чор фасли сол дар боғот ба вуҷудояндаро ба хотир оред ва гуфта диҳед.
2. Ҳангоми тасвир кардани фасли баҳор рангҳои бисёр истифодашавандаро ҳисоб кунед.

1. Расми дар синф истифодашавандаи «Боғи бобоям»-ро ба охир расонед.
2*. Расми боғро дар ягон фасли сол кашед ва онро бо расми пештар кашидаатон муқоиса кунед.



Л. Абдуллоев. *Ангур*

## КОРКАРДИ ҲАЙКАЛ ДАР АСОСИ ШЕЪРИ «ҶЎЧА, ЧЎҶА ВА ХЎҶА»

Барои иҷрои ин супориш ба гурўҳҳо тақсим мешавед. Ҳайкалчаҳои сохташавандаро аз рўйи мазмуни шеър пайваст карда, композитсияи ҳайкалатрошиpo ҳосил мекунед.



### Ҷўча, чўҷа ва Хўҷа

*Низом Қосим*

Гузашта рафт аз кўча
Чўҷа ба лаби ҷўча.
Дид худашро чўҷа
Ногоҳ дар байни ҷўча.

Ҷўча чўҷаро мебурд,
Чўҷа ҷўчаро мебурд.
Ин дам гузашт аз кўча
Соҳиби чўҷа — Хўҷа.

Чўҷаро Хўҷа гирифт,
Аз оби ҷўча гирифт.
Шодон дар дасташ чўҷа
Давид ба хона Хўҷа...

Дар расм чӣ хел воқеа тасвир ёфтааст?

**Зинаҳои коркарди ҳайкали чӯҷа (аз рӯйи бозичаҳо).**

1



2



3



**Зинаҳои коркарди ҳайкали мурғобӣ (аз рӯйи бозичаҳо).**

1



2



3



## **Офаридани композитсияи ҳайкалтарошӣ дар асоси шеъри «Ҷӯча, чӯҷа ва Хӯҷа».**



Коркарди асос.



Ҷойгиркунии ҳайкалҳо.

Дар асоси намунаҳо ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, дар асоси шеъри «Ҷӯча, чӯҷа ва Хӯҷа» ҳайкалҳои чӯҷаро созед.

**1.** Ҳайкалҳои коркардашударо мувофиқи мазмуни шеър ҷойгир карда, композитсия созед.

**2*.** Дар асоси шеъри «Ҷӯча, чӯҷа ва Хӯҷа» расм кор кунед.

# ДАРСИ НАЗОРАТИ ҶАМЪБАСТӢ

## I. Саволҳои тест:

**1.** Дар кадом расм, тасвир дуруст ҷойгир шудааст?




**2.** Дар кадом расм нақши роҳшакл тасвир шудааст?




**3.** Кадом расм дуруст кор карда шудааст?



**4.** Нақши квадратшаклро муайян кунед?

А


Б


В


Г


**5.** Дар кадом банд композитсияи пайкарсозӣ дода шудааст?

А


Б


В


Г


**6.** Пайдарҳами жанрҳои расмҳои поёнӣ дар кадом банд дуруст дода шудааст?

А.
1. Манзара.
2. Портрет.
3. Натюрморт.

Б.
1. Манзара.
2. Натюрморт.
3. Портрет.

Г.
1. Натюрморт.
2. Портрет.
3. Манзара.










**9.** Пайдарҳамии иллюстратсияҳои дар афсона истифодашуда дар кадом банд дуруст дода шудааст?

А.
1. «Кулчақанд».
2. «Шалғам».
3. «Пашша ва оруи асал».

Б.
1. «Шалғам».
2. «Пашша ва оруи асал».
3. «Кулчақанд».

Г.
1. «Пашша ва оруи асал».
2. «Шалғам».
3. «Кулчақанд».










## II. Супориш.

Барои расми «Боғи бобоям», ки дар дарсҳои гузашта кор кардед тақдимот гузаронед.

# МУНДАРИЧА

## ЧОРЯКИ I

Ранг ва тобишҳо........................................................5
Коркарди расми меваҳо........................................10
Коркарди расми манзара........................................15
Тайёр кардани эскизи табрикнома ба рӯзи муаллимон..................................................................20
Сохтани пайкара дар асоси афсонаи «Кулчақанд».........................................................23
Санъати амалии халқ...........................................27
Коркарди расм дар мавзӯи «Тирамоҳ омад»................................................32
Дарси фосилавии назоратӣ................................37

## ЧОРЯКИ II

Сохтани ҳайкалчаи моҳӣ......................................40
Коркарди расм дар мавзӯи «Корҳои тирамоҳӣ».............................................43
Коркарди нақши роҳшакл....................................46
Сохтани пайкара дар асоси афсонаи «Рӯбоҳ ва гург».........................................................51
Кашидани расм ба мавзӯи «Иди арча»............55
Дарси фосилавии назоратӣ................................61

## ЧОРЯКИ III

Кор кардани расм дар мавзӯи
«Манзараи зимистон»........................................64
Коркарди расми машинаи боркаш...................67
Кор кардани расми парранда..........................71
Сохтани пайкараи асп
(шутур, гурба, фил барин ҳайвонҳо)...............75
Аз намунаҳои ороиш нусха гирифтан............79
Сохтани нақши композитсияи доирашакл........84
Тайёр кардани эскизи табрикнома
ба Иди 8-март.................................................87
Коркарди расм дар мавзӯи
«Наврӯз — иди баҳор»....................................90
Коркарди расм дар мавзӯи «Мактаби ман».....95
Дарси фосилавии назоратӣ .............................99

## ЧОРЯКИ IV

Коркарди расми барги дарахт........................102
Пайкарасозӣ дар асоси афсонаи
«Шалғам»........................................................105
Коркарди расми шутур...................................109
Коркарди расм дар мавзӯи
«Боғи бобоям»...............................................113
Коркарди расм дар асоси шеъри
«Ҷӯча, чӯҷа ва Хӯҷа» ...................................119
Дарси фосилавии назоратӣ ...........................122

**MUYASSAR ISOQOVA, RAHIM HASANOV, BAHODIR HAYDAROV, ASQARALI SULAYMANOV, SAODAT JUMANIYAZOVA, ABDUMANNOB ROZIQOV**

# TASVIRIY SAN'AT

*Umumiy o'rta ta'lim maktablarining*
*2-sinfi uchun darslik*

Qayta ishlangan va to'ldirilgan beshinchi nashri

*(Tojik tilida)*

Тарҷумонҳо **А. Тоҳириён, З. Файзуллоева**
Муҳаррир **А. Шукуров**
Рассом **А. Сафаров**
Муҳаррирони бадеӣ **А. Юлдашев, Н. Ёқубова**
Муҳаррири техникӣ **Е. Толочко**

Рақами литсензия AI № 163. 09.11.2009. Ба чопаш 25 апрели соли 2018 дода шуд. Андозаи 70x90[1]/[16]. Гарнитураи Pragmatic. Кегли 16, 14. Бо усули офсетӣ тарҳрезӣ шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 9,36. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 10,62. Адади нашр 7174 нусха. Шартномаи № 45–2018. Супориши № ....

Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чўлпон. 100011, Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30. Телефон: (371) 244-10-45. Факс: (371) 244-58-55.

Агентии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон. Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи «Ғафур Ғулом». 100128, Тошканд, Лабзак кўчаи, 86.

С 48 **Санъати тасвирӣ. 2** [Тоҷ.]: Китоби дарсӣ барои донишомўзони синфҳои 2-юми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ/ М. Исоқова ва диг. — Т.: ХЭТН ба номи Чўлпон, 2018 — 128 саҳ.
ISBN 978-9943-05-836-1

**УЎК 372.87=222.8(075)**
**КБК 85.15я71**

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби донишоиўз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |

## Дар вақти ба иҷора додани китоб ва дар охири соли хониш ҳангоми баргардонида гирифтани он, ҷадвали боло аз тарафи раҳбари синф мувофиқи меъёрҳои зерин баҳогузорӣ мешавад:

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир шудааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, васоитро барқарор кардан мумкин нест. |